«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
профессор Хушвахтзода Қ.Х.
_______________________
«30» ____12____ 2023

# ХУЛОСА
## кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ дар кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Унвонҷуй соли 2010 шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудаст. Аз соли 2020 (фармоиш аз 11.07.2020, №192-05) инҷониб унвонҷӯӣ кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ҳамин донишгоҳ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи ӯ бо Қарори Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 30-юми январи соли 2021, таҳти №7(20-21) тасдиқ шудааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ санаи 4-уми декабри соли 2023 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – Диноршоҳ Азиз Мусо, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри

Душанбе.

Рисолаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 9-уми декабри соли 2023 (с/м№ 4), муҳокима гардида, баъди ислоҳи камбудиҳо санаи 29-уми декабри соли 2023 (с/м№ 4/1), ба ҳимоя тавсия шудааст.

Дар натиҷаи муҳокима диссертатсияи мазкур аз ҷониби кафедра барои ҳимоя муносиб дониста шуд.

**Аз руйи муҳокимаи диссертатсия хулосаҳои зерин қабул гардиданд:**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи конститутсиониро ташкил медиҳад. Мубрам будани мавзуи пажуҳиш аз ҷониби диссертант чунин асоснок карда шудааст, ки дар низоми ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии инсон ҳуқуқ ба меҳнат мавқеи хосаеро ишғол мекунад, ки ҳуқуқи ҳар як шахсро ба имконияти ба даст овардани даромад бо меҳнате, ки худаш озодона интихоб мекунад ва ё озод ба он розигӣ медиҳад, дар бар мегирад. Ин ҳуқуқ эҳтиёҷоти доимии инсонро ифода мекунад, ки барои фароҳам овардани заминаҳои одӣ ва моддии мавҷудияти инсон, инчунин таъмини шароити инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият зарур аст. Ҳуқуқи мазкур асосҳои бунёдии худро дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарёфта, дар он як қатор принсипҳо ва меъёрҳои байналмилалӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқ ба меҳнат таҳкими худро ёфтаанд.

Дар баробари ин, ҷомеаи ҷаҳонӣ ба таъмин ва ҳифзи ҳуқуқ ба меҳнат таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекунад. Як қатор санадҳои байналмилалӣ аз ҷониби мақомоти асосӣ ва махсуси СММ таҳия ва қабул карда шудаанд, ки дар маҷмӯъ стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқ ба меҳнатро ташкил медиҳанд. Ин муқаррарот дар Конститутсия ва қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста инъикос ёфтаанд. Бо вуҷуди ин, дар муносибатҳои меҳнатӣ мушкилоти таъмини озодии меҳнат, манъи меҳнати маҷбурӣ ва табъиз дар ин соҳа, муқаррар ва татбиқи намудҳои алоҳидаи ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва

шаҳрванд дар соҳаи фаъолияти меҳнатӣ, ки бо консепсияи умумии ҳуқуқи конститутсионӣ ба меҳнат муттаҳид шудаанд, боқӣ мондааст.

Маврид ба зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун аъзои ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ буда, дар доираи онҳо санадҳои муҳимми байналмилалиро вобаста ба таъмин ва ҳифзи ҳуқуқ ба меҳнат тасдиқ намудааст. Дигаргуниҳои бунёдие, ки дар Тоҷикистон дар давоми 30 соли охир ба амал омадаанд, ба пояҳои иқтисодии давлатдорӣ таъсири амиқи худро расонидаанд. Ин дигаргунсозиҳо ба эътирофи конститутсионии шаклҳои гуногуни моликият, озодии фаъолияти соҳибкорӣ ва иқтисодӣ, рақобати озод асос ёфтаанд. Муқаррароти конститутсионии дарҷгардида ба мазмуни танзими конститутсионӣ-ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ дар соҳаи фаъолияти меҳнатӣ, аз ҷумла дар таъмини имконият ва эҳтиёҷоти инсон ва шаҳрванд барои интихоби озодонаи муносибати худ ба фаъолияти меҳнатӣ, таъмини ҳамаҷонибаи конститутсионии ҳуқуқу озодиҳо дар соҳаи меҳнат, таъсири мусбӣ расониданд.

Ҳадафи таҳқиқоти диссертатсиониро муайян кардани хусусиятҳои умумӣ ва мушаххаси асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқи шахс ба меҳнат, таносуби байни мафҳумҳои «ҳуқуқ ба меҳнат» ва «озодии меҳнат», танзими ҳуқуқии он дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ, муайян кардани робитаи мутақобилаи ҳуқуқ ба меҳнат бо дигар ҳуқуқҳои инсон ва муқаррар намудани мавқеи он дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, омӯзиши механизми амалишавии ҳуқуқи конститутсионии шахс ба меҳнат, бо муқаррар намудани кафолатҳо, маҳдудиятҳо, унсурҳои ҳифз ва ҳимояи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст.

Бо назардошти ҳадафи зикргардида дар таҳқиқоти диссертатсионӣ вазифаҳое гузошта шудаанд, ки моҳиятан аз инҳо иборат мебошанд:

– омӯзиши мафҳумҳои асосии назариявӣ, ки заминаи ҳуқуқии ҳуқуқи конститутсионии шахс ба меҳнатро ташаккул медиҳанд, аз ҷумла мафҳумҳои «озодии меҳнат», «ҳуқуқ ба меҳнат», «меҳнати иҷборӣ»;

– омӯзиши таҳаввулоти танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муайян намудани моҳият ва нақши санадҳои байналмилалӣ ҳамчун дастуру меъёрҳои танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқи шахс ба меҳнат;

– муқаррар намудани мавқеи ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва муайян намудани робитаи он бо дигар ҳуқуқҳои инсон;

– таҳқиқи мафҳум, моҳият, мазмун ва шаклҳои амалишавии ҳуқуқи конститутсионии шахс ба меҳнат;

– муайян намудани самтҳои асосии амалишавии кафолатҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқ ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муайян намудани моҳият, шакл ва нақши маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муайян намудани усул ва методҳои асосии ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқи шахс ба меҳнат.

Дар таҳқиқот муаллиф асосан аз усулҳои умумиилмӣ (таҳлил, синтез, моделсозӣ, диалектика) ва усулҳои махсуси илмӣ (таърихӣ, ретроспективӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-расмӣ, оморӣ) истифода менамояд, ки ба омӯзиши ҳамаҷониба ва асосноки масъалаҳои ба миён гузошташуда мусоидат кардаанд.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои назариявӣ, ки дар доираи таҳқиқоти мазкур баён шудаанд, масъалаҳои мубрами замони муосирро пурра инъикос мекунанд, ки дар рисолаҳои муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ ва меҳнатӣ, инчунин назарияи давлат ва ҳуқуқ инъикос ёфтаанд.

Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо омӯзиши ҳамаҷонибаи моҳият ва мазмуни ҳуқуқи конститутсионии шахс ба меҳнат дар шароити муосири иқтисодиёти бозоргонӣ, таҳкими меъёрҳои асосии байналмилалӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар

Конститутсия ва қонунгузории кишвар, муайян намудани мавкеи ин ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқҳои инсон, кафолатҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ, маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ ва шаклҳои ҳифзу ҳимоя ҳамчун унсурҳои амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиф мешавад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулосаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада маводи консептуалиеро, ки танзим ва татбиқи ҳуқуқи меҳнатро ҳамроҳӣ мекунанд, рушд ва мукаммал мегардонанд, ҷанбаҳои муҳими танзими қонунгузории ин ҳуқуқро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равшан мекунанд ва аз нав дида мебароянд. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки хулосаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада ва пешниҳодҳои амалие, ки дар асоси онҳо оид ба татбиқи фаъолияти қонунгузорӣ таҳия шудаанд, ба тасдиқи равиши аз ҷиҳати илмӣ асоснок ҳангоми таҳияи заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи ҳуқуқ ба меҳнат дар Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, муқарраротҳи асосии ҳимояшаванда ва тавсияҳои амалӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона ба даст оварда шудаанд ва навгонии илмӣ, ки дар ҳалли масъалаҳои мубрами марбут ба мафҳумҳо ва мазмуни махсуси ҳуқуқ ба меҳнат ва роҳҳои татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ифода меёбад.

Мавзуъ, мазмун ва натиҷаҳои илмии ҳосилшуда, пурра ба шиносномаи ихтисоси илмии 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсиоиии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистои тасдиқ карда шудааст, мутобиқат дорад.

Вобаста ба мавзуи диссертатсия унвонҷӯ 14 мақолаҳои илмӣ, ки 8-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7

мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд, ки мазмуни натиҷаҳои таҳқиқоти пешниҳодшударо пурра инъикос менамоянд, аз ҷумла:

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[1-М].** Сангинов Д.Ш., Назаров Д.Қ., Мирзозода, Ш.М. Баъзе пешниҳодҳо оид ба такмили Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.М. Мирзозода, Д.Ш. Сангинов, Д.Қ. Назаров // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №1 (50). – С. 131-142. ISSN 2664-0651.

**[2-М].** Мирзозода, Ш.М. Танзими конститутсионии ҳуқуқи меҳнат[Матн] / Ш.М. Мирзозода // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №4/2 (54). – С. 210-215. ISSN 2664-0651.

**[3-М].** Назаров Д.Қ., Мирзозода, Ш.М. Танзими ҳуқуқии меҳнати кормандони дар ду (якчанд) ҷойи коркунанда [Матн] / Ш.М. Мирзозода, Д.Қ. Назаров // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2021. – №4 (40). – С. 140-144. ISSN 2305-0535.

**[4-М].** Назаров Д.Қ., Мирзозода, Ш.М. Хусусияти ҳуқуқии уҳдадориҳои давлатҳои иштирокчии Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ [Матн] / Ш.М. Мирзозода, Д.Қ. Назаров // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – № 3 (23). – С. 264-175. ISSN 2414 – 9217

**[5-М].** Мирзозода, Ш.М. Танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнат дар қонунҳо ва дигар санадҳои зерқонунии соҳавӣ[Матн] / Ш.М. Мирзозода // Идоракунии давлатӣ. – 2022. – №4/2 (59). – С. 307-311. ISSN 2664-0651.

**[6-М].** Диноршоҳ А.М., Мирзозода, Ш.М. Танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнат дар қонунгузории миллӣ[Матн] / Ш.М. Мирзозода, А.М. Диноршоҳ // Идоракунии давлатӣ. – 2023. №4-1 (62). – С. 143-153. ISSN 2664-0651.

**[7-М].** Диноршоҳ А.М., Мирзозода, Ш.М. Танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнат дар конститутсия [Матн] / Ш.М. Мирзозода, А.М. Диноршоҳ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023, №6. – С. 252-258. ISSN 2413 – 5151

**[8-М].** Диноршоҳ А.М., Мирзозода, Ш.М. Эволютсияи таъмини конститутсионии ҳуқуқи меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.М. Диноршоҳ, Ш.М. Мирзозода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ.– Душанбе, 2023., №2 (46) – С. 128-133.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[9-М].** Мирзозода, Ш.М. Конституционное регулирование права на труд [Текст] / Ш.М. Мирзозода // Материалы республиканской научно-практической конференции «30 лет независимости: этапы пройденного пути, реалии и перспективы». – Душанбе, 2021. – С. 140-143.

**[10-М].** Мирзозода, Ш.М. Эволюция конституционного закрепления права на труд в Республике Таджикистан [Текст] / Ш.М. Мирзозода // Материалы республиканской научно-практической конференции «Конституция-как фактор стабильности государства»– Душанбе, 2022. – С. 256-263.

**[11-М].** Мирзозода, Ш.М. Регламентация права на труд в международных документах [Текст] / Ш.М. Мирзозода // Вестник филиала Московского государственного университета имени М.В.Ломоносова в городе Душанбе. – 2022. – №2 (24). – С. 98-107.

**[12-М].** Салохидинова С.М., Мирзозода, Ш.М. Соотношение права на труд и свободы предпринимательской деятельности [Текст] / Ш.М. Мирзозода, С.М. Салохидинова // Материалы международной научно-практической конференции «XII Ломоносовские чтения» посвященной Дню таджикской науки и 30-летию установления дипломатических отношений между РТ и РФ – Душанбе, 2022. – С. 626-629.

**[13-М].** Диноршоҳ А.М., Мирзозода, Ш.М. Некоторые вопросы ограничения права на труд [Текст] / Ш.М. Мирзозода, А.М. Диноршоҳ // Материалы международной научно-практической конференции «XIII Ломоносовские чтения» посвященной 115-летию академика Б. Гафурова. – Душанбе, 2023. – С. 122-130.

**[14-М].** Мирзозода, Ш.М. Худмуҳофизат ҳамчун шакли ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнат [Матн] / Ш.М. Мирзозода // Маводи конференсияи

илмӣ-амалии «Тоҷикон дар оинаи таърих» бахшида ба 115 -солагии академик Б. Ғафуров – Душанбе, 2023. – С. 135-139.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад.
2. Диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 15 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, суратмаҷлиси № 4/1 аз 29-уми декабри соли 2023.

**Раиси ҷаласа:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионии
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Сулаймонзода М.С.

**Котиби ҷаласа:**
лаборанти калони кафедра Неъматова М.А.

Имзои Сулаймонзода М.С. ва Неъматова М.А.-ро
тасдиқ мекунам:
**Сардори РК ва КМ ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
«29» 12 2023